«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
д.и.ф., профессор Гулназарзода Ж.Б. ________
«__11__» ___ноябри___ 2022

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсия ва автореферати Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Кармина̄ӣ ва Садриддин Айнӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ** (10.02.20. – **Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**).

Таҳқиқу муқоиса ва омӯзишу баррасии марҳалаҳои гуногуни давраи нави густариши таърихи забони адабии тоҷикӣ, маъмулан аз асрҳои VIII-IX инҷониб, ба таҳлилу таҳқиқи асарҳои ҳам мансур ва ҳам манзуми муътамад вобастагӣ дорад, зеро дар забоншиносии тоҷик муайян намудани давраҳои мухталифи рушди таърихи забон дар асоси осори илмӣ-таърихӣ ва бадеӣ аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад. Дар забоншиносии муосир доираи омӯзиши муқоисавӣ-таърихии даврони гуногуни забони тоҷикӣ хеле фарох гардида, паҳлуҳои дигари муқоисаи он, аз он ҷумла, нишон додан ва таҳлили қиёсии вежагиҳои сарфии ҳиссаҳои нутқ басо муҳим мебошад.

Дуруст аст, ки забони осори давраҳои қиёсшаванда дорои ғаномандии хосе буда, дар таҳлили муқоисавӣ-таърихии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX кумак карда, маводи фаровоне медиҳад. Дар ин асос, қисмати меҳварии пажуҳиш фарогири мавзуи васеъ буда, аз ҷумла хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи осори мавриди омӯзиш ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, дар қиёс омӯхта шудаанд.

Диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ

ва Садриддин Айнӣ)” унвон дошта, аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, бисту ду зерфасл, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ, сарчашмаҳо ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифа, объект, мавзуъ, асосҳои назариявӣ, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳ ва навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ба амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва сохтор ва ҳаҷми диссертатсия меравад.

Дар боби якуми рисола «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии исм дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX» масъалаҳои категорияҳои грамматикии исм, ҷамъбандии исмҳо ва исмҳои сохтаи забони осори давраҳои муқоисашаванда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби мазкур аз ду фасл иборат аст. Фасли якум «Исм ва категорияҳои грамматикии он» унвон дошта, муҳаққиқ оид ба категорияи муайяниву номуайянии исм сухан гуфтааст. Ба андешаи муаллиф: “...дар забони осори давраҳои қиёсшаванда **чанд** дар мавридҳои алоҳида пеш аз исмҳои ҳам артиклдор ва ҳам беартикл истифода гардида, барои ифодаи аломати номуайянӣ ҳиссагузорӣ кардааст” (саҳ.15). Ба қавли муқаққиқ М.Карминагӣ ҷонишини **чанд**ро танҳо 4 маротиба пеш аз исми артиклдори **рӯзе** мавриди истифода қарор дода бошад, дар осори устод Айнӣ воҳиди номбурда бо ин вежагӣ хеле маъмул аст (ҳамон ҷо). Дар фасли мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба категорияи шумора низ дода шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки “дар забони осори давраҳои қиёсшаванда ҷамъбандии исмҳо бо ду роҳ амалӣ гаштааст: а) бо пасвандҳои ҷамъсозии тоҷикӣ **-ҳо, -он** (бо алломорфҳои **-ён, -вон** ва **-гон**); б) бо пасвандҳои арабии солими мардонаву занона **-ин** ва **-от** ва ҷамъи шикастаи арабӣ (саҳ.17). Муайян карда шудааст, ки пасвандҳои

ҷамъсози тоҷикиву арабӣ дар мавридҳои алоҳида хеле фаровон истифода шуда, қисмати зиёди онҳо дар осори мавриди қиёс аз рӯйи қоида тавассути пасванди **-он** ҷамъбандӣ гардидаанд. Аз руйи таҳқиқоти муаллиф маълум карда шуд, ки дар забони осори қиёсшаванда корбасти қаринаҳои пасванди **-он (-ён, -вон** ва **-гон)** низ ба назар расиданд. Дар иртибот ба мавзуи мавриди назар муаллиф ба таври зайл хулосабарорӣ кардааст: Ваҷҳи корбурди унсурҳои ҷамъбандӣ дар осори қиёсшанда якхела нестанд, масалан пасванди **-ҳо** дар "Туҳфат-ул-хонӣ" 471 маротиба (18%), дар "Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ" 1324 маротиба (52%), дар "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро" 760 маротиба (30%) ва дар маҷмуъ 2555 маротиба (17%)-ро ташкил медиҳад. Ин нишондод бори дигар собит намуд, ки пасванди **-ҳо** дар асари таърихии асри XVIII назар ба дигар унсурҳои ҷамъсоз каммаҳсултар аст. Сабаби ин ҳодиса дар он аст, ки дар асари таърихии асри XVIII дар аксар маврид ҷамъбандии арабӣ ба кор бурда мешавад, масалан ҷамъбандии арабии солим (**-от** ва **-ин**) дар "Туҳфат-ул-хонӣ" 918 маротиба (64%), дар "Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ"125 маротиба (9%), дар "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро" 391 маротиба (27%) ва дар маҷмуъ 1434 маротиба (10%) ва ҷамъбандии арабии таксир дар "Туҳфат-ул-хонӣ" 5368 маротиба (78%), дар "Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ" 533 маротиба (8%), дар "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро" 1002 маротиба (14%) ва дар умум 6903 маротиба (46%)-ро дарбар гирифтааст" (саҳ.59).

Дар фасли дуюми рисола «Вежагиҳои морфологии исмҳои сохта» муаллиф назари хешро роҷеъ ба накши калимасозӣ бо пешвандҳову пасвандҳо баён карда, чунин пиндоштааст, ки "баъзе аз унсурҳои вожасоз, яъне исмсоз сермаъно, муштараквазифа мебошанд, ки дар ташаккули исмҳои сохтаи нав ҳиссагузорӣ мекунанд. Бояд қайд намуд, ки дар осори қиёсшаванда калимаҳои сохтае вомехӯранд, ки дар хазинаи луғавии забони адабии имрӯза нестанд, вале метавонанд аз нав барқарор ва таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷикиро ғанӣ гардонанд." (саҳ.59). Дар ин росто

муаллиф чунин кайд мекунад: “Қиёсу муқобалаи мо аз он дарак медиҳад, ки дар забони осори мавриди таҳқиқ барои созмони калимаҳои сохтаи ифодагари шахс як силсила унсурҳои вожасозе истифода шудаанд, ки онҳо бо вуҷуди дар забони адабии ҳозираи тоҷик мавҷуд буданашон аз нуқтаи назари накши худ дар калимасозӣ фарқ мекунанад, яъне бархе аз онҳо фаъоланд, бархе дигар, баръакс, ба гурӯҳи пасвандҳои ғайрифаъол дохил мешаванд. Ба ин гурӯҳ чунин пасвандҳои калимасоз, аз қабили **-гар, -бон, -чӣ, -гор, -вар** ва **-бор** дохил мешаванд” (саҳ.47). Бояд зикр кард, ки дараҷаи корбурди калимасозии пасвандҳо дар шакли ҷадвалу диаграммаҳо хеле хуб натиҷагирӣ шудааст, ки нишонае аз муҳассаноти рисола ва муаллифи он маҳсуб меёбад.

Боби дуюми рисола «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии сифат дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX» унвон дошта, дар он масъалаҳои таҳқиқу пажуҳиши категорияҳои сифат, калимасозии он ва дараҷаи корбурди пешвандгунаҳо ва пасвандгунаҳо баррасӣ мегардад.

Дар фасли якуми боби мазкур муаллиф моро бо масъалаи омӯзишу таҳқиқи дараҷаҳои сифат ошно месозад. Муаллиф зикр мекунад, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ категорияи дараҷаҳои сифат тавассути пасвандҳои **-тар** (қиёсӣ) ва **-тарин** (олӣ) ифода мегардад. Аммо онҳо бо як қатор вежагиҳои хос дар марҳалаи гуногуни рушди таърихии забони мо, алалхусус дар марҳалаи ибтидоии давраи нави таҳаввули забони дарӣ-тоҷикӣ, аз ҳолати имрӯза фарқ мекунанд. “Истифодаи пасвандҳои **-тар** ва **-тарин** дар ифодаи дараҷаи сифат якхела набуда, дар давраҳои гуногуни рушду густариши таърихи забони тоҷикӣ гоҳе фаъол ва гоҳе ғайрифаъол аст” (саҳ. 61).

Дар интиҳои фасли якум, муаллиф натиҷагирӣ намуда қайд мекунад, ки дар забони осори давраҳои қиёсшаванда пасванди **-тар** барои ифодаи дараҷаи қиёсии зарф ва шумораи тахминӣ дар маҷмуъ 161 маротиба аз он “Туҳфат-ул-хонӣ” 45 маротиба (28%), дар “Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ” 89 маротиба (55%) ва дар “Таърихи инқилоби фикрӣ дар

Бухоро” 27 маротиба (17%) мавриди истифода қарор гирифтааст, ки 68%-ро ташкил додааст. Аммо пасванди номбурда ҷиҳати ифодаи дараҷаи бартарии сифат ҳамагӣ 75 маротиба (32%) омадааст (саҳ.61).

Муаллиф таъкид мекунад, ки дар забони осори давраҳои қиёсшаванда пасванди **-тарин** аз нигоҳи ваҷҳи корбурд гуногун мебошад ва барои тасдиқи ин ақида таъкид мекунад, ки дар “Туҳфат-ул-хонӣ” барои ифодаи дараҷаи қиёсии сифат пасванди мазкур дар маҷмуъ 2 маротиба [3] мавриди истифода қарор гирифтааст, ки 4%-ро ташкил медиҳад (саҳ.68).

Фасли дуюми боби мазкур ба омӯзишу таҳлили масъалаи калимасозии сифат бо вандҳо бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, дар осори муқоисашаванда аз миёни пасвандҳои сифатсози фавқуззикр бархе дар бунёди як қатор сифатҳои сохтаи нав ҳиссагузорӣ кардаанд, вале доираи истифодаи онҳо баробар нест. Масалан, пасванди **-ӣ** дар осори мавриди қиёс яке аз унсурҳои вожасози сермаҳсул маҳсуб мешавад, ки асосан, аз дигар ҳиссаҳои номии нутқ сифатҳои нисбии доираи семантикиашон гуногун месозад (саҳ.82). Аз ин ҷост, ки ӯ ҳам ақидаи устод Маъсумиро, ки дар хусуси пасванди номбурда чунин қайд намудааст: “Дар забони асарҳои С.Айнӣ, аз он ҷумла дар «Марги судхӯр», бисёр кор фармуда шудани сифатҳои нисбӣ бо суффикҳои **-ӣ** ва **-гӣ** характернок мебошад” (саҳ.82) ҷонибдорӣ кардааст.

Боби сеюми рисола ба “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии шумора ва ҷонишин дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX” бахшида шудааст. Дар боби мазкур муаллиф роҳу тарзи чӣ гуна истифода шудани шумораҳои миқдорию тартибӣ ва ваҷҳи истифодаи онҳо дар осори мавриди қиёсро бо мисолҳои мушаххас тавсиф мекунад. Масалан, ба андешаи муаллиф, дар забони осори таърихии қиёсшаванда шумораҳои миқдории аслӣ аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ фарқи ҷиддие надоранд. Шумораи миқдории аслӣ назар ба дигар шумораҳо сермаҳсулу маъмул мебошад, ки дар осори мавриди қиёси калимаи **як** аз нигоҳи вазифа ва корбурд дорои чанд вежагиҳост: а) барои ифодаи миқдори шахс....; б) барои ифодаи

номуайянӣ...; в) дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ шумораи **як** бо ҷонишини таъйинии **ҳар** якҷоя омада, аз байни ашёи ҳамҷинс предмети алоҳидаро нишон медиҳад, ки ин ҳодисаи грамматикӣ ба забони осори таърихии қиёсшаванда низ хос аст... (саҳ.107-108).

Дар фасли сеюми рисола сухан дар бораи ҷонишинҳо ва вежагиҳои морфологии баъзе анвои он меравад. Муаллиф чунин иброз мекунад, ки дар забони даврони мавриди қиёс хелҳои ҷонишинҳо, аз қабили предметӣ (ман; ту; ӯ; вай; мо; моён; моҳо; шумо; шумоён....); сифатӣ (ин; он; ҳамин; ҳамон; чунин...) ва миқдорӣ (чанд; чандин; чӣ қадар; ин қадар; ҳамон қадар...) ба чашм расиданд, ки мисли забони адабии ҳозираи тоҷикӣ буда, ягон фарқи бориз надоранд, аз ин рӯ, муаллиф аз таҳқиқи ҳаматарафаи ин падидаи грамматикӣ худдорӣ намудаст. Зимнан, ин қисмати кор роҷеъ ба қиёсу баррасии вежагиҳои сарфӣ ва дараҷаи корбурди баъзе навъҳои он, аз ҷумла ҷонишинҳои шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ ва таъинӣ бахшида шудааст (саҳ. 127-128).

Боби сеюмро натиҷагирӣ намуда, муҳаққиқ қайд мекунад, ки таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии шумора ва ҷонишини забони осори муқоисашаванда маълум мешавад, ки ҳиссаҳои номии нутқи номбурда дар ифодаи маъно ва иҷрои вазифа бо баъзе вежагӣ аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ тафовут доранд. Аз ин рӯ, ӯ тасмим гирифтааст, ки оид ба чанд вежагиҳои боризи онҳо мухтасаран хулосабарорӣ намояд. Муаллиф исбот намудааст, ки дар асари Карминагӣ боре ҳам шумораи тартибии **якум** мавриди истифода қарор нагирифтааст. Ба ҷои он вожаҳои **аввал, аввалин** ва **нахуст, нахустин** ба кор рафтааст, вале дар осори таърихии устод Айнӣ бошад, ҳам **аввал** ва ҳам **якум** хеле зиёд ба чашм мерасанд. Дар "Туҳфат-ул-хонӣ" дубора қабул намудани пасванди **-он (-ён)** дар ҷонишинҳои шахсии шумораи ҷамъи **мо** ва **эшон** танҳо як маротиба ба чашм расад, аммо дар осори устод Айнӣ **моён** ва **шумоён** хеле фаровон мавриди истифода қарор гирифааст (саҳ.146).

Ҳамин тариқ, ҳар як боби рисола бо хулосаҳо ва натиҷагириҳои мушаххаси муҳаққиқ ба охир расидаанд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муаммоҳои дар диссертатсия матраҳгардида пурра ҳалли ҳудро ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад, муаллифи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки дар он аҳамияти назарраси назарӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)” дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таълифи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи диссертатсия, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп шудаанд, муҳтавои рисоларо инъикос менамояд. Диссертатсияи мазкур дар омӯзишу баррасии масоили забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, таърихи забони тоҷикӣ, сарфу наҳв, ҳамчунин дар таҳияи дастурҳо ва раҳнамоҳои таълим аз фанҳои сарфу наҳв ва семинарҳои махсуси забон барои суҳбату машваратҳои илмӣ заминаи муфид ба ҳисоб меравад.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия ва фишурда аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Маълум аст, ки диссертатсияи муаллиф оид ба таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқи забони осори ду давра бахшида шудааст. Хубтар мешуд, агар муаллиф забони ягон асари таърихии асри XIX-ро низ мавриди қиёс қарор медод, то пайдарҳамии таърихии падида ва таҳаввули ин ё он масоили забонӣ риоя шавад;

2. Оид ба сарчашмаҳои таҳқиқоти диссертатсия гуфтанӣ ҳастем, ки муаллиф танҳо як асари асри XVIII ва аммо се асари асри XX-ро интихоб кардааст, ки осори таърихии мавриди қиёси асри XX миқдоран зиёд ҳастанд;

3. Дар саҳифаи 15-уми диссертатсияи муаллиф дар ҳаҷми як саҳифа роҷеъ ба категорияи муайянӣ ва номуайянии исм сухан гуфтааст, ки ба назари мо маълумоти овардашуда кам мебошад;

4. Ба андешаи мо танзими феҳристи адабиёт аз доираи талаботи танзими диссертатсияи илмӣ дур рафтааст;

5. Дар истифодаи истилоҳоти забони тоҷикӣ якрангӣ дида намешавад. Чунончӣ: таҳқиқи забони адабии тоҷик (саҳ.7) ва таърихи забони адабии тоҷикӣ (саҳ. 5);

6. Дар боби сеюми фасли дуюми диссертатсияи муаллиф танҳо ба баррасии ҷонишинҳои шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ ва таъинӣ сухан рафтааст, аммо қиёсу таҳлили дигар анвои ҷонишинҳо аз мадди назари муаллиф дур гаштааст;

7. Дар забони диссертатсия истифодаи безарурати нигориши унсурҳои арабӣ мушоҳида карда мешаванд;

8. Диссертатсияи муаллиф фарогири 171 саҳифа буда, аммо ӯ дар ҳаҷми 116 саҳифа барои тасдиқи усули омории хеш замимаҳоро илова кардааст. Агар муаллиф он замимаҳоро ҳамчун маводи амалӣ дар шакли рисолаи хурди алоҳида чоп менамуд, хубтар мешуд.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ҷойдошта ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгуянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович дар мавзуи “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)” ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 –

Забоншиносӣ (10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферат дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума ва забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима гардидааст.

«09» ноябри 2022 с. Суратҷаласаи №4

Мудири кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи
тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

Мудири кафедраи забони
тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Усмонова Мунаввара Холиқовна

**Ташхисгарон:**
Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Насруллоев Муҳаммад Нурилоевич

**Котиб:** Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович

Суроға: 734019, г Душанбе,
ул. Муҳаммадиев 17/6
Суроғаи электронӣ: rectorat@ddzt.tj.
Тел: (+992 37) 2325003; (+992)882 89 1717

Имзоҳои Ҳ.Т. Соҳибназарова, М.Х. Усмонова, Ф.М.Турсунов,
М.Н. Насруллоев ва О.А. Ҳамроевро тасдиқ менамоям:

Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ ба номи
С.Улуғзода Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович

10.11.2022 с.